«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.

« 3 » 04 соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
## ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои маводи фарҳангҳо ва осори илмию адабӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300- Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна соли 2016 факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм карда, дорандаи дипломи дараҷаи бакалаврӣ аз рӯйи ихтисоси «филологияи забони англисӣ» мебошад.

Соли 2018 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси «филологияи забони англисӣ» ба итмом расонида, соҳиби дипломи дараҷаи магистр гардидааст.

Мавсуф ба ҳайси докторант соли 2020 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Ҷоматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин хулоса гирифт.

Диссертатсияи Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна таҳқиқоти арзишманди илмӣ маҳсуб ёфта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки вожаву истилоҳоти соҳаи бофандагӣ дар баробари луғоти дигар бахшҳои ҷомеа як ҷузъи ҷудонашавандаи таркиби луғавии забонҳои тоҷикиву анлисӣ маҳсуб ёфта, таҳлилу баррасии ин анвои истилоҳот амри воқеист. Пешаи бофандагӣ ҳунарест, ки мардум тавассути он ризқу рӯзишро пеш мебарад ва он муаррифгари ҳар як қавму миллат буда, бо таърихи халқҳои тоҷику англис алоқаи устувор дорад.

Зарурати таҳқиқи ин мавзуъ, агар аз як тараф, фаъолияти мутахассисонро дар саноати бофандагӣ осон гардонад, аз тарафи дигар, то ба имрӯз бештари истилоҳоти ин соҳа ба таҳаввули шакливу сохторӣ дучор шуда, интихоби вожаву истилоҳоти меъёрӣ ба миён омад.

Вожаву истилоҳоти бофандагӣ заминаи бойи қадимаи таърихиро соҳиб аст, зеро мардум аз давраҳои қадима бо ҳунари бофтану духтани ниёзи аввалия, амсоли гилему кӯрпа, курта ва дигар анвои либос машғул буда, ба ин васила ҳаёти худро пеш мебурд. Илова бар ин, пайдоиши вожаву истилоҳоти бофандагӣ бо табиат, суннату анъана ва санъати бофандагӣ иртиботи ногусастанӣ дошта, зарурати пажуҳиши вижагиҳои лингвистии ин анвои истилоҳотиро ба миён овард.

Асосҳои назариявии диссертатсияро осори илмию назариявии муҳаққиқони хориҷӣ: Д.С. Лотте, А.А. Реформатский, А.В. Суперанская, М. Лейчик, М. Авербух; ватанӣ: М. Шукуров, Н. Шаропов, Ш. Рустамов, М. Рустамов, Д. Саймиддинов, С. Сулаймонов, М. Қосимова, С. Назарзода, М.Ҳ. Султон, П.Г. Нуров, Т. Шокиров, Қ. Тураҳасанов, Ш. Ҳайитова, А. Мамадназаров, Ҳ. Саидов, С. Ҷоматов, Ш. Каримов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Навгонии мавзуи таҳқиқ аз он иборат аст, ки дар рисола бори аввал хусусиятҳои луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагии забонҳои тоҷикиву англисӣ аз нигоҳи муқоиса таҳлилу баррасӣ мегардад. Илова бар ин, дар диссертатсия ҷой доштани қабатҳои луғавӣ, амсоли сермаъноиву ҳамгунӣ ва муродифоту мутазод дар низоми истилоҳоти бофандагии забонҳои муқоисашаванда муайян шудааст. Дар заминаи таҳқиқи диссертатсия таҳия ва нашри фарҳанги истилоҳоти бофандагии забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ дар назар аст.

Диссертатсия Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна дар мавзуи « Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои маводи фарҳангҳо ва осори илмию адабӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300- Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 12 мақола рӯйи чоп омадаанд, ки аз он миқдор 5-тоаш дар маҷалаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

***Руйхати мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:***

[1-М.] Ҳасанова С. Р. Хусусиятҳои луғвӣ-грамматикии истилоҳоти соҳаи нассоҷии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С. Р. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – Хоруғ, 2021.– № 1(17). – С. 203-210.

[2-М.] Ҳасанова С. Р. Тематическая классификация текстильной терминологии таджикского и английского языков / С. Р. Ҳасанова // Ахбори Академияи Миллии Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. –№4 (269). – С. 209-212

[3-М.] Ҳасанова С. Р. Нақши калимаҳои умумиистеъмол дар ташаккули истилоҳоти бофандагии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С. Р. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2023. – №6 (1107). – С. 98-102.

[4-М.] Ҳасанова С. Р., Ҷаматов С. С. Бозтоби луғоту истилоҳоти бофандагӣ дар сарчашмаҳои муосири фарҳангнигорӣ ва таърихӣ / С. Р. Ҳасанова, С. С. Ҷаматов // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2024. – №1 (108). – С. 69-73

[5-М.] Ҳасанова С. Р., Ҷаматов С. Таҳлили сохтори вожаву истилоҳоти бофанадгӣ бар пояи роҳу усули калимасозӣ / С. Р. Ҳасанова, С. Ҷаматов // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2024. – №2 (109). – С. 12-21

***Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳо ва маҷмуаи маводи конфронсҳо:***

[6-М.] Ҳасанова С. Р. Мавқеи калимаҳои иқтибосии марбути бахши нассоҷӣ дар таркиби луғавии забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ / С. Р. Ҳасанова // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ: мавод. конфер. илм-амал. ҷумҳур. - Душанбе, 2021. –С. 144-146.

[7-М.] Ҳасанова С. Р. Назаре ба мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар илми забоншиносӣ / С. Р. Ҳасанова // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва лингводидактика дар заминаи муошираи байнифарҳангӣ: мавод. конфер. илм-амал. ҷумҳур. - Душанбе, 2021. - С. 285-286.

[8-М.] Ҳасанова С. Р. Роль суффиксов в образовании текстилйной терминологии таджикского и английского языков / С. Р. Ҳасанова // Забони миллӣ оинаи пурҷилои таърих: мавод. конфер. илм-амал. ҷумҳур. - Душанбе, 2022. - С. 98-102.

[9-М.] Ҳасанова С. Р. Виды и структура текстильных терминов в английском и таджикском языках / С. Р. Ҳасанова // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, методика ва тарҷума: мавод. конфер. илм-амал. ҷумҳур. - Душанбе, 2020. - С. 209-213.

[10-М.] Ҳасанова С. Р., Джаматов С.С. Метафоризация текстильных терминов в таджикском и английском языках / С. Р. Ҳасанова, С. С. Джаматов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, методика ва тарҷума: мавод. конфер. илм-амал. ҷумҳур. - Душанбе, 2023. - С. 258-261.

[11-М.] Ҳасанова С. Р., Ҷаматов С.С. Таҳлили сохторӣ ва луғавию маъноии истилоҳоти бофандагии асари “Шаҳрошӯб”-и Сайидои Насафӣ ва муодилҳои англисии онҳо / С. Р. Ҳасанова, С.С. Ҷаматов // Муносибати босалоҳият дар рушду нумуи таълими забони хориҷӣ: мавод. конфер. илм-амал. байнал. - Душанбе, 2024. - С. 141-145.

[12-М.] Ҳасанова С. Р. Падидаи муродифот дар низоми истилоҳоти бофандагӣ / С. Р. Ҳасанова // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ: мавод. конфер. илм-амал. ҷумҳур. - Душанбе, 2020. - С. 276-278.

*Қарор қабул карда шуд:*

1.Диссертатсия Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна дар мавзуи *«*Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои маводи фарҳангҳо ва осори илмию адабӣ*)»*, ки

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300- Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсия Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти бофандагӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои маводи фарҳангҳо ва осори илмию адабӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300- забоншиносӣ (6D021302) – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя тавсия шавад.

Ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Ҳасанова Саодат Раҷабалиевнаро кори илмии баанҷомрасидаи мубраму муҳим ва пурмуҳтаво меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба ҳамаи талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Қарори мазкур дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ дар таърихи 1-уми апрели соли 2024 суратҷаласаи №9 қабул карда шуд.

***Дар ҷаласа иштирок доштанд:*** 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 13 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.

Раисикунанда мудири кафедраи забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюм Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
н.и.ф., дотсент Ҷураев Хаём Акрамович

Котиби ҷаласа Мадкаримова Офтобхон Ҳакимҷоновна

Имзои «Х.А. Ҷураев ва О.Ҳ. Мадкаримова» - ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе, хиёбонӣ Рӯдакӣ, 121.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел: +992 372251483
Факс: +992 2241383
Сомона: www.tgpu.tj